$D) Мусодираи пурраи молумулки маҳкумшуда манъ аст;
$E) Ин масъаларо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ танзим мекунанд;

**@154.Ҳуқуқи соҳибкорӣ дар маънои объективӣ ин.**
$A) Соҳаи мустақили ҳуқуқи хусуси бада, аз низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки муносибатхои амволии сохибкор ва дигар муносибатҳои ба он алоқамандро ба танзим медарорад;
$B) Маҷмӯи донишҳо дар бахши иқтисоди фаъол аст;
$C) Низоми маълумотҳои аниқи ҳуқуқӣ оид ба ташкили бизнеси хурд, миёна ва калон мебошад;
$D) Зерисоҳавии ҳуқуқи гражданӣ;
$E) Маҷмӯи донишҳо дар бахши иҷтимоӣ фаъол аст;

**@155. Оё шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат таъсис дода шудааст, аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулият дорад?**
$A) Надорад;
$B) Дорад, агар муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Ин масъаларо суд ҳал мекунад;
$D) Надорад, ба шарте ин шахси ҳуқуқӣ ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бошад;
$E) Дорад, чунки муассиси он давлат аст;

**@156. Кадоме аз ашёи номбаршаванда ашёи ғайриманқул аст?**
$A) Киштиҳои ҳавоӣ ва ниҳолҳои бисёрсола;
$B) Пул, коғазҳои қиматнок, ниҳолҳои бисёрсола, корхона;
$C) Бино, иншоот, қатора, манзил, нақлиёти автомобилӣ;
$D) Киштӣ, заврақ, автомобил, қатора, ҳавопаймо;
$E) Замин, об, ҷангал, фазои ҳаво ва дигар сарватҳои табиӣ;

**@157. Қисман қобили амал будани ноболиғ барқарор карда мешавад:**
1) бо гузаштани мӯҳлати маҳдудсозӣ (агар чунин мӯҳлат бо қарори суд муайян карда шуда бошад):
2) ба синни 18 расидани ноболиғ ё эълон намудани эмансипатсия ё издивоҷ то синни 18 дар ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст:
3) бо қарори суд дар бораи бекор кардани маҳдудияти қобилияти амал, агар ҳамаи асосҳои ҷорӣ намудани маҳдудият аз байн рафта бошад:
$A) 2;
$B) 1-2;
$C) 1,3;
$D) 1;
$E) 1-3;

**@158. Чанд тартиби пурра қобили амал эълон намудани ноболиғ мавҷуд аст?**
$A) 3;
$B) 5;
$C) 1;
$D) 4;
$E) 2;

**@159. Намояндаи тиҷоратӣ кист?**
$A) Шахсоне намояндаи тиҷоратӣ мебошанд, ки мунтазам ва мустақилона аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд;
$B) Шахсоне намояндаи тиҷоратӣ мебошанд, ки мустақилона аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд;
$C) Шахсоне намояндаи тиҷоратӣ мебошанд, ки мунтазам ва мустақилона аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд ва хукуқу ӯҳдадориҳоро ба вакил ба вуҷуд меоранд;
$D) Шахсоне намояндаи тиҷоратӣ мебошанд, ки мунтазам ва мустақилона аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд ва ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул буда, номунтазам даромад ба даст меоранд;
$E) Шахсоне намояндаи тиҷоратӣ мебошанд, ки мунтазам аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд;

**@160.Намудҳои намояндагиро нишон диҳед:**
$A) Намояндагӣ дар асоси ваколатнома ё шартнома – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар асоси нишондоди қонун, намояндагӣ дар асоси санади мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ - ҳатмӣ;
$B) Намояндагӣ дар асоси ваколатнома ё шартнома – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар асоси нишондоди қонун, намояндагӣ дар асоси санади мақоми ваколатдори давлатӣ - ҳатмӣ;
$C) Намояндагӣ дар асоси ваколатнома ё шартнома – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар асоси нишондоди қонун – ҳатмӣ, намояндагӣ дар асоси санади мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ - ғайриҳатмӣ;
$D) Намояндагӣ дар асоси ваколатнома ё шартнома – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар асоси нишондоди қонун – ғайриҳатмӣ, намояндагӣ дар асоси санади мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ - ҳатмӣ;
$E) Намояндагӣ дар асоси ваколатнома ё шартнома – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар асоси нишондоди қонун – ихтиёрӣ, намояндагӣ дар

асоси санади мақоми ваколатдори давлатӣ ё мақоми ҳокимияти маҳаллӣ - ихтиёрӣ;

**@161.Кадоме аз ҳолатҳои поёнӣ асоси қатъи ҳуқуқи моликият нест?**
$A) Ба иҷора додани молумулк;
$B) Нобуд шудани молумулк;
$C) Аз даст додани ҳуқуқи моликият;
$D) Мусодира;
$E) Рад кардани ҳуқуқи молкият;

**@162. Ҳуқуқу ӯҳадориҳои соҳибмулк нисбат ба молумулк ҳангоми даст кашидан аз ҳуқуқи моликият аз кадом лаҳза қатъ мегардад?**
$A) Аз лаҳзаи эълони даст кашидан аз молумулк;
$B) Аз лаҳзаи барканор гардидани молумулк аз соҳибии ӯ;
$C) Аз лаҳзае, ки суд муайян кардааст;
$D) Аз лаҳзае, ки шахси дигар ин молумулкро истифода мебарад;
$E) Аз лаҳзаи ҳуқуқдор гаштани шахси дигар ба ин молумулк;

**@163. Мафҳуми расмии аҳдро нишон диҳед:**
$A) Аҳд гуфта, иттифоқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои граждани мегардад;
$B) Аҳд гуфта, созиши шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гражданӣ мегардад;
$C) Аҳд гуфта, амали шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гражданӣ мегардад;
$D) Аҳд гуфта, амали шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гражданӣ намегардад;
$E) Аҳд гуфта, амали шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлатро меноманд, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гражданӣ мегардад;

**@164. Оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳо:**

$A) Ба вуҷуд овардани муносибатҳои гражданӣ. Масалан, дар натиҷаи шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликият пайдо мешавад, тағйир ёфтани муносибати тарафҳо. Масалан, мумкин дар шартномаи иҷора иҷорапулӣ зиёд ё кам карда шавад, қатъ гардидани муносибатҳо. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликиятии фурӯшанда қатъ мегардад;
$B) Ин максади (кауза) аҳд мебошад;
$C) Ба вуҷуд овардани муносибатҳои гражданӣ. Масалан, дар натиҷаи шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликият пайдо мешавад, тағйир ёфтани муносибати тарафҳо. Масалан, мумкин дар шартномаи иҷора иҷорапулӣ зиёд ё кам карда шавад, қатъ гардидани муносибатҳо. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликиятии харидор қатъ мегардад;
$D) Дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$E) Ба вуҷуд овардани муносибатҳои гражданӣ. Масалан, дар натиҷаи шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликият пайдо мешавад, тағйир ёфтани муносибати тарафҳо. Масалан, мумкин дар шартномаи иҷора иҷорапулӣ зиёд ё кам карда шавад, иваз гардидани муносибатҳо. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯш ҳукуқи моликиятии фурӯшанда қатъ мегардад;

**@165. Шахсе, ки дар натиҷаи сӯиистеъмоли машрубот ё воситаҳои нашъаовар худ ва хонаводаи худро дар вазъи вазнини моддӣ қарор медиҳад:**
$A) Қобилияти амалкуниаш маҳдуд карда мешавад;
$B) Ғайри қоибили амал дониста мешавад;
$C) Майзада ё нашъаманд дониста мешавад;
$D) Ҳамаи ҷавобҳо дурустанд;
$E) Аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум карда мешавад;

**@166. Ноболиғон аз синни чандсолагӣ метавонанд узви кооператив бошанд?**
$A) 16 - солагӣ;
$B) Ноболиғон наметавонанд узви кооператив бошанд;
$C) 14 - солагӣ, чунки тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти амалкунии меҳнатӣ аз синни 14- солагӣ фаро мерасад;
$D) 17 - солагӣ;
$E) Аз лаҳзаи қобилияти пурраи амалкуниро ба даст овардан;

**@167. Эмансипатсия чист?**
$A) Ин дорои қобилияти пурраи амал эътироф кардани ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида мебошад;
$B) Аз ҷониби ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ кор кардан ва ё бо розигии намояндагони қонунии худ бастани шартномаи меҳнатӣ ва гражданӣ мебошад;
$C) Ин дорои қобилияти пурраи амал эътироф кардани ноболиғи ба синни 14-солагӣ расида мебошад;
$D) Чунин мафҳум дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нест;
$E) Ғайри қобили амал эътироф намудани шахс;

**@168. Аз номи ноболиғи ба синни 14 нарасида киҳо ҳуқуқи анҷом додани аҳдҳоро доранд?**
$A) Падару модар, фарзандхондагон ва васиёни онҳо;
$B) Падару модар, фарзандхондагон ва парасторони онҳо;
$C) Онҳо метавонанд тамоми аҳдҳоро мустақилона анҷом диҳанд;
$D) Падару модар, бародаронаш, васиён, парасторон;
$E) Падару модар, фарзандхондагон, васиён, адвокат ва нотариус;

**@169.Ҳуқуқи бастани аҳдҳои хурди маишӣ аз чандсолагӣ фаро мерасад?**
$A) 6–солагӣ;
$B) 14-солагӣ;
$C) 16-солагӣ;
$D) 5 - солагӣ;
$E) Аз синни балоғат;

**@170.Ҷамъияти саҳҳомӣ –ин.**
$A) Ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ маъсулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд;
$B) Ҷамъияте мебошад, ки самияи он ба саҳмияҳои гуногун тақсим шудааст;

$C) Ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим гардида, иштирокчиёни он аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд;
$D) Ташкилоти хоҷагие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим гардида иштирокчиёни он аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд;
$E) Ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим гардидааст;

**@171.Дар кадом ҳолат шаҳрванд ғайри қобили амал эътироф карда мешавад?**
$A) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад;
$B) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк карда наметавонад;
$C) Агар шаҳрванд дар асари бемории рӯҳӣ вазнин ӯҳдадориҳои шартномавиро иҷро накунад ва талаботи кредиторонро қонеъ карда натавонад;
$D) Агар шаҳрванд ҷинояти махсусан вазнин содир намояд;
$E) Дар натиҷаи суиистеъмол аз машруботи спиртӣ ё маводи нашъадор, ки худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддb ғарор медиҳад;

**@172.Аз номи шаҳрванди ғайри қобили амал кӣ аҳдҳоро ба ичро мерасонад?**
$A) Падару модар, фарзандхондагон, парастор;
$B) Падару модар, фарзандхондагон, васӣ;
$C) Парастор;
$D) Намояндагони қонунӣ, адвокатҳо;
$E) Васӣ;

**@173. Қобилияти амали кадом шаҳрванд маҳдуд карда мешавад?**
$A) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот ё маводи нашъаовар оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;
$B) Шаҳрванде, ки ҷинояти дараҷаи миёна содир менамояд;
$C) Шаҳрванде, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳамият амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад;

$D) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот, маводи нашъаовар ё қиморбозӣ, худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;
$E) Шаҳрванде, ки дар асари суиистеъмоли машрубот ё маводи нашъаовар худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;

**@174. Шаҳрванди қобилияти амалкуниаш маҳдуд бо розигии кӣ ҳуқуқ дорад аҳдҳоро (ба истисной аҳдҳои хурди маишӣ) ба анҷом расонад?**
$A) Парастор;
$B) Падару модар, фарзандхондагон, васӣ;
$C) Васӣ, парастор;
$D) Васӣ;
$E) Падару модар, фарзандхондагон, парастор;

**@175.Шахси ҳуқуқӣ чист?**
$A) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият надорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$B) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият надорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар набошад;
$C) Ташкилоти тиҷоратие, ки дар моликият молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$D) Ташкилоти ғайритиҷоратие, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молумулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молумулк масъулият дорад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;
$E) Ташкилоте, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу

мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад;

**@176.Вобаста ба мақсади фаъолият шахсони ҳуқуқӣ ба кадом намудҳо ҷудо мешаванд?**
$A) Ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$B) Шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, давлатӣ ва хусусӣ;
$C) Чунин асоси таснифи шахсони ҳуқуқӣ мавҷуд нест;
$D) Ташкилоти тиҷоратӣ;
$E) Ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои давлатӣ;

**@177.Шахси ҳуқуқӣ аз кадом лаҳза таъсисгардида эътироф мешавад?**
$A) Аз лаҳзаи бақайдгирӣ;
$B) Аз лаҳзаи баҳисобгирӣ;
$C) Аз лаҳзае, ки муассисон муайян кардаанд;
$D) Аз лаҳзаи бақайдгирӣ дар мақомоти адлия;
$E) Аз лаҳзаи қабули қарор дар хусуси таъсиси он;

**@178.Ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ кадомҳоянд?**
$A) Оиннома, шартномаи таъсис ва низомнома;
$B) оиннома ва шартномаи таъсис;
$C) Оиннома, шартномаи таъсис ва низомнома, шаҳодатномаи мақомоти дахлдор;
$D) Қарори суд оид ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
$E) Қонун, қарор, оиннома, низомнома;

**@179.Оинномаи шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби кӣ тасдиқ карда мешавад?**
$A) Муассисон (иштирокчиён);
$B) Роҳбаи шахси ҳукуқӣ;
$C) Саҳмдорон;
$D) Тасдиқи оинномаи шахси ҳуқуқӣ зарурат надорад;
$E) Мақомоти бақайдгиранда;

**@180.Номи кадом шахси ҳуқуқӣ бояд ишора ба хусусияти фаъолияти онро дошта бошад?**
$A) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои воҳид ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ташкилоти дигари тиҷоратӣ;
$B) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои фаръӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома ташкилоти дигари тиҷоратӣ;
$C) Ташкилоти тиҷоратӣ, иттиҳодяҳои динӣ, корхонаҳои фаръӣ;
$D) Корхонаҳои давлатӣ, фондҳо, ҷамъиятҳои саҳомӣ, копeративҳо, ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва дар ҳоалтҳои пешбининамудаи қонун ташкилотҳои тиҷоратӣ;
$E) Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ;

**@181.Кадом шахсони ҳуқуқӣ номи фирмавӣ доранд?**
$A) Ташкилоти тиҷоратӣ;
$B) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд;
$C) Фирмаҳо, ширкати комил;
$D) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ;
$E) Чамъиятҳои саҳомӣ;

**@182.Парванда оид ба эътирофкунии муфлисиро баррасӣ мекунад.**
$A) Суди иқтисодӣ;
$B) Суди умумӣ;
$C) Суди ҳакамӣ;
$D) Суди рафиқона;
$E) Суди иҷтимоӣ;

**@183. Намояндагӣ ҳамчун воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ чист?**
$A) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;
$B) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$C) Ин шахси ҳукуқии мустақил мебошад;
$D) Воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро намояндагӣ

менамояд, аз номи он шартномаҳо ва аҳдҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад, қисми вазифаҳои онро иҷро мекунад;
$E) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;

**@184. Нишонаҳои шахси ҳуқуқӣ:**
$A) Муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$B) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) Муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, вале бастани аҳд аз номи роҳбари ташкилот, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$D) Муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, вале бастани аҳд дар шахсияти роҳбари он, ҷавобгарии мустақилона доштан;
$E) Муттаҳидии ягона, доштани молу мулки алоҳида дар ҳуқуқи моликият, дар муомилот аз номи худ баромад кардан, ҷавобгарии мустақилона доштан;

**@185.Тарзҳои ба вуҷуд омадани шахси ҳуқуқӣ:**
$A) Бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию меъёрӣ;
$B) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$C) Бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ, ихтиёрию меъёрӣ;
$D) Бо тарзи амрдиҳӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию маҷбурӣ;
$E) Бо тарзи иҷозатӣ, иҷозатдиҳӣ, ихтиёрию меъёрӣ;

**@186.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон милликунонии молумулки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мумкин аст?**
$A) Бо шарти ҷуброни зиёне, ки вобаста ба милликунонӣ ба соҳибмулк расонида шудааст ва танҳо дар асоси қонун мумкин аст, вале ҳоло қонуни дахлдор қабул нашудааст;
$B) Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милликунонӣ» мумкин аст;
$C) Мумкин аст, ба шарте объекти миллишаванда барои давлат ва ҷамъият аҳамияти калон дошта бошад;
$D) Қатъиян мумкин нест;

$E) Милликунонӣ дар замони шӯравӣ ҷой дошт, ҳоло мумкин нест;

**@187.Намудҳои моликияти умумиро муайян намоед:**
$A) Моликияти умумии ҳиссагӣ ва якҷоя;
$B) Моликити умумии якҷояи ҳамсарон ва ҳиссагии шахсони ҳуқуқӣ;
$C) Моликияти давлатӣ ва маҳаллӣ;
$D) Моликияти умумӣ ва алоҳида;
$E) Моликияти умумии ҳамсарон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ;

**@188.Мӯҳлат ва маҳали бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ:**
$A) Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$B) Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$C) Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то даҳ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$D) Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии худ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;
$E) Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати баъди панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои лозима бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад;

**@189.Дар асоси фақат оинномa шахсони ҳукуқии мазкур баромад мекунанд:**

$A) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$B) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$C) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) Ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;
$E) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;

**@190.Ӯҳдадори пулӣ –ин.**
$A) Уҳдадории қарздор дар бораи ба кредитор пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ, аз рӯи шартномаи гражданию ҳуқуқӣ ва дигар асосҳое, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини менамояд;
$B) Пардохти ҳатмии андоз, боҷу хироҷ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст;
$C) Иҷорапулӣ, фоизи қарз ва дигар пардохтҳо;
$D) Дивидент, фоизи гардиши асъор ва дигар талаботҳои ҳуқуқии амволӣ;
$E) Ба кредитор пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ;

**@191.Дар асоси фақат шартномаи таъсисӣ шахсони ҳуқуқии мазкур баромад мекунанд:**
$A) Ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;
$B) ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$C) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои

(иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$E) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;

**@192.Дар асоси оинномa ва шартномаи таъсисӣ шахсони ҳуқуқии мазкур баромад мекунанд:**
$A) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$B) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;
$C) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, инчунин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ – ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо;
$D) Ширкатҳои комил ва ширкатҳои ба боварӣ асосёфта;
$E) Ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ки аз тарафи як шахс таъсис дода шудаанд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ (ба ғайр аз иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ) амал мекунанд;

**@193. Намояндагӣ чист?**
$A) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқию воқеиро анҷом медиҳад;
$B) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад;
$C) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$D) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар мешавад;

$E) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;

**@194.Филиал чист?**
$A) Ҷавобҳо нодурустанд;
$B) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад;
$C) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, вазифа ва фаъолиятҳои монанд ё қисми онҳоро иҷро мекунад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар мешавад;
$D) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқию воқеиро анҷом медиҳад;
$E) Воҳиди мустақили шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз менамояд, аз номи он аҳдҳои муайян ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад;

**@195.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» кай қабул шудааст.**
$A) 28.07 соли 2006;
$B) 10.05 соли 2002;
$C) 12.03 соли 2003;
$D) 20.10 соли 2004;
$E)23.05. соли 2000;

**@196.Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати аввал:**
$A) Талаби шаҳрвандоне бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ қонеъ гардонида мешавад, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад;
$B) Қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;

$C) Талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) Дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$E) Талаби ҳамаи кредиторони дигар;

**@197. Дар сурати барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаби кредиторони он ба навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд: дар навбати дуюм:**
$A) Дар мавриди пардохти кӯмакпулии аз кор рафтан ва музди кори ашхосе, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва дар мавриди додани мукофотпулӣ аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобу китоб карда мешавад;
$B) Қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет пардохта мешавад;
$C) Талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардидаанд;
$D) Талаби кредиторон аз рӯи ӯҳдадориҳое қонеъ гардонида мешаванд, ки бо гарави молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда таъмин гардида бошанд;
$E) Талаби ҳамаи кредиторони дигар;

**@198.Намудҳои шахсони ҳукуқӣ вобаста ба шакли ташкилию ҳукуқӣ:**
$A) Ҳамаи ҷавобҳо нодурустанд;
$B) Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ: - ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ: ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта, корхонаҳои давлатӣ: корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд, (корхонаҳои махсус ва ё казонӣ) , корхонаҳои давлатие, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ доранд, кооперативҳои истеҳсолӣ, бонкҳо, ташкилоти суғуртавӣ ва ғ;
$C) Тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ;
$D) Хусусӣ, давлатӣ ва коллективӣ;

$E) Шахсони ҳуқуқие, ки иштирокчиёни нисбати молу мулки он ҳуқуқи ӯҳдадорӣ доранд (ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативи истеҳсоли ва кооперативи матлубот), шахсони ҳуқуқие, ки муассиссонаш нисбати молу мулки он ягон ҳуқуқи морлумулкӣ надоранд (фондҳо, ташклоти ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ), шахсони ҳуқуқӣ, ки муассисонаш нисбати молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молулмулкӣ доранд (корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо);

**@199. Аломатҳои ширкати комил:**
$A) Хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$B) Хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар мақсади хайриявӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$C) Хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки саҳмӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$D) Хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ набудани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти номаҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;
$E) Хусусияти шартномавӣ доштани муттаҳидшавӣ, ҳатмӣ будани иштироки шахсӣ дар фаъолияти ташкилот, мақсади таъсис – анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, масъулияти маҳдуди иштирокчиён оид ба ӯҳдадориҳои ширкат;

**@200.Иҷозатнома (литсензия) –ин.**
$A) Иҷозати махсусест, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додаст;
$B) Фаъолиятест, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ амалӣ карда мешавад;

$C) Ҳуҷҷатест, ки дар он баъзе намуди фаъолияти соҳибкорӣ муайян шудааст;
$D) Расмиёти маъмурие мебошад, ки тибқи он ҳуқуқ ба фаъолияти муайян эътироф карда мешавад;
$E) Фаъолиятест, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ амалӣ карда намешавад;

**@201. Ширкати комил чист?**
$A) Аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$B) Аз иттиҳодияи ҳиссаҳои молумулкии шахсон барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$C) Аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома ё оиннома иборат мебошад;
$D) Аз иттиҳодияи шахсон ё ҳиссаҳои молумулкии онҳо барои пешбурди муштараки фаъолияти меҳнатии дар асоси шартнома иборат мебошад;
$E) Аз иттиҳодияи шахсон барои пешбурди муштараки фаъолияти молумулкии дар асоси шартнома иборат мебошад;

**@202. Андозаи ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил чӣ қадар аст?**
$A) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;
$B) панҷсад сомонӣ;
$C) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар менамояд ва он баробар ба панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;
$D) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи шариконаи ширкати комил муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои

кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта нашудааст;
$E) Ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

**@203.Мафҳуми шартномаи соҳибкориро ёбед.**
$A) Зери мафҳуми шартномаи соҳибкорӣ шартнома дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки созиши тарафҳоеро меноманд, ки дар асоси подош ва бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста шудааст;
$B) Зери мафҳуми шартномаи соҳибкорӣ шартнома дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, созиши тарафҳои (ё яке аз тарафҳои) фаъолияти соҳибкорро меноманд, ки дар асоси созиш ва бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста шудааст;
$C) Зери мафҳуми шартномаи соҳибкорӣ шартнома дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, созиши тарафҳои (ё яке аз тарафҳои) фаъолияти соҳибкорро меноманд, ки дар асоси подош ва бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста шудааст;
$D) Зери мафҳуми шартномаи соҳибкорӣ шартнома дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, созиши тарафҳои (ё яке аз тарафҳои) фаъолияти соҳибкорро меноманд, ки дар асоси розигӣ ва бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста шудааст;
$E) Шартнома дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ;

**@204. Ширкати ба боварӣ асосёфтаро тавсиф диҳед:**
$A) Ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок надоранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;
$B) Ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок надоранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;

$C) Дар байни ҷавобҳо ду варианти дуруст мавҷуд аст;
$D) Ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок доранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;
$E) Ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки дар он ду категорияи иштирокчиён – шарикони комил, ки мустақиман дар фаъолияти ширкат иштирок дошта, дар ҳаҷми пурра зиёни имконпазирро ба зимма доранд (коммандистон) ва саҳмгузорон, ки шахсан дар фаъолияти ширкат иштирок надоранд, вале ҳиссаи муайяни молумулкӣ ворид намуданд ва хатари зиёнро дар доираи ҳамин ҳисса ба зимма доранд, муттаҳид шуданд;

**@205. Оё шарт аст, ки саҳмгузор дар ширкати ба боварӣ асосёфта соҳибкор бошад?**
$A) Азбаски саҳмгузорон шахсан дар фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок наменамоянд, онҳо дар муқоиса бо шарикони комил набояд дорои мақоми соҳибкор бошанд;
$B) Азбаски саҳмгузорон шахсан дар фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок наменамоянд, онҳо дар муқоиса бо шарикони комил бояд дорои мақоми соҳибкор бошанд;
$C) Азбаски саҳмгузорон шахсан дар фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок менамоянд, онҳо дар муқоиса бо шарикони комил бояд дорои мақоми соҳибкор бошанд;
$D) Азбаски саҳмгузорон шахсан дар фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок менамоянд, онҳо дар муқоиса бо шарикони комил набояд дорои мақоми соҳибкор бошанд;
$E) Албатта;

**@206. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд чист?**
$A) Дар инҷо ҷавоби дуруст дида намешавад;
$B) ин ташкилоти тиҷоратӣ бо фонди оинномавӣ мебошад, ки ба ҳиссаҳои иштирокчиён тақсим нашудааст;

$C) ин ташкилоти тиҷоратӣ бо фонди оинномавӣ мебошад, ки ба ҳиссаҳои иштирокчиён тақсим шудааст, вале иштирокчиён дар доираи он масъулият надоранд;
$D) ин ташкилоти тиҷоратӣ бо фонди оинномавӣ мебошад, ки ба ҳиссаҳои иштирокчиён тақсим шудааст ва иштирокчиён дар доираи он масъулият доранд;
$E) ин ташкилоти тиҷоратӣ бо фонди оинномавӣ мебошад, ки ба ҳиссаҳои иштирокчиён тақсим шудааст;

**@207. Ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавии ҷамъият дорои масъулияти маҳдуд чӣ қадар аст?**
$A) На камтар аз панҷсад сомонӣ;
$B) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъият дорои масъулияти маҳдуд муқаррар менамояд ва он баробар ба панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;
$C) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъият дорои масъулияти маҳдуд муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта шудааст;
$D) Қонунгузорӣ талаботро нисбат ба ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъият дорои масъулияти маҳдуд муқаррар наменамояд, зеро манфиатҳои кредитор бо масъулияти иловагии иштирокчиён вобаста ба қарзҳои ширкат ба зиммаи иштирокчиён гузошта нашудааст;
$E) На камтар аз ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

**@208.Саҳми иштирокчиён дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;**
$A) Ҳаҷми ҳуқуқҳои молумулкии иштирокчиёнро, ки дар доираи ӯҳдадории ягона амалӣ мегардад ва дар он тарафи ӯҳдадор худи ҷамъият мебошад, муайян карда мешавад;
$B) Ҳаҷми ҳуқуқҳои молумулкии иштирокчиёнро, ки дар доираи ҳукуқи ягона амалӣ мегардад ва дар он тарафи ӯҳдадор худи ҷамъият мебошад, муайян карда мешавад;

$C) Ҳаҷми ӯҳдадориҳои молумулкии иштирокчиёнро, ки дар доираи ӯҳдадории ягона амалӣ мегардад ва дар он тарафи ӯҳдадор худи ҷамъият мебошад, муайян карда мешавад;
$D) Ҳаҷми ҳуқуқҳои молумулкии иштирокчиёнро, ки дар доираи ӯҳдадории ягона амалӣ мегардад ва дар он тарафи ӯҳдадор худи саҳмгузорон мебошад, муайян карда мешавад;
$E) Ҳаҷми ҳуқуқҳои молумулкии иштирокчиёнро, ки дар доираи ӯҳдадории ягона амалӣ мегардад ва дар он тарафи ӯҳдадор худи муассисон мебошад, муайян карда мешавад;

**@209.Шаклҳои азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ кадомҳоянд?**
$A) Муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилёбӣ;
$B) Муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, ҷудошавӣ, табдилёбӣ, барҳамхурӣ;
$C) Ивазшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ;
$D) Муттаҳидшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, мубадалгардӣ;
$E) Муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилёбӣ, ивазшавӣ;

**@210.Дар сурати барҳам додани шахси ҳукуқӣ музди меҳнати шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, дар навбати чандум пардохта мешавад?**
$A) Дар навбати дуюм;
$B) Дар навбати аввал;
$C) Дар навбати сеюм;
$D) Мувофиқи муқаррароти суд;
$E) Тибқи шартномаи тарафайн муайян карда мешавад;

**@211.Намудҳои ширкатҳои хоҷагидорӣ кадомҳоянд?**
$A) Ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта;
$B) Ҷамъиятҳи саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти иловагӣ, ширкати комил;
$C) Ҷамъиятҳи саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, кооперативи истеҳсолӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти иловагӣ, ширкати комил;
$D) Ширкати одӣ, ширкати комил ва коммандити саҳомӣ;
$E) Ширкати ба бовари асосёфта, иттиҳодияҳои ҷаъиятӣ ва динӣ;

**@212.Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар кадом шакл таъсис дода мешаванд?**
$A) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои дорои масъулияти иловагӣ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ;
$B) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъяити саҳомии шакли кушода;
$C) Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, ҷамъиятҳои ғайрихоҷагидорӣ;
$D) Ҷамъияти саҳомии кушода ва пӯшида, ширкати ба бовари асосёфта;
$E) Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ширкати комил;

**@213.Шумораи иштирокчиёни ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд аз чанд нафар зиёд буда наметавонад?**
$A) 30 нафар;
$B) 50 нафар;
$C) 10 нафар;
$D) 20 нафар;
$E) 40 нафар;

**@214. Ҳаҷмӣ сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияташ бояд накамтар аз чад сомониро ташкил намояд?**
$A) Накамтар аз панҷсад сомонӣ;
$B) Ягон аҳамият надорад;
$C) Накамтар аз сесад сомонӣ;
$D) Накамтар аз чорсад сомонӣ;
$E) Накамтар аз сад сомонӣ;

**@215.Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида аз чанд нафар зиёд буда наметавонад?**
$A) 50 нафар;
$B) 20 нафар;
$C) 30 нафар;
$D) 40 нафар;
$E) 10 нафар;

**@216. Сармояи ҳадди ақалли оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода чӣ қадар аст?**

$A) Бояд на камтар аз панҷ ҳазор сомониро ташкил намояд;
$B) Бояд зиёда аз якҳазор сомониро ташкил намояд;
$C) Бояд на камтар аз якҳазор сомониро ташкил намояд;
$D) Бояд зиёда аз панҷ ҳазор сомониро ташкил намояд;
$E) Аз қарори қабулнамудаи муассисон вобаста аст;

**@217. Сармояи ҳадди ақалли оинномавии ҷамъияти саҳомии пӯшида чӣ қадар аст?**
$A) Бояд на камтар аз як ҳазор сомониро ташкил диҳад;
$B) Бояд зиёда аз якҳазор сомониро ташкил намояд;
$C) Бо қарори муассисон муайян карда мешавад;
$D) Бояд накамтар аз дуҳазор сомониро ташкил намояд;
$E) Бояд зиёда аз ду ҳазор сомониро ташкил намояд;

**@218.Қурби асъор чист?**
$A) Ин нархи воҳиди пулии асъори муайяни миллӣ бо воҳиди пулии асъори хориҷии дигар давлатҳо мебошад;
$B) Ин нархи воҳиди пули миллӣ бо воҳиди пулии асъори хориҷии дигар давлатҳо, инчунин бо евро мебошад;
$C) Ин нархи воҳиди пулии асъори муайяни миллӣ бо воҳиди пулии асъори хориҷии дигар давлатҳо, инчунин бо евро мебошад;
$D) Ин нархи воҳиди пулии асъори муайяни миллӣ бо воҳиди пулии асъори евро мебошад;
$E) Воҳиди давлатӣ мебошад;

**@219. Шумораи аъзои кооперативи истеҳсолӣ набояд аз чанд нафар камтар бошад?**
$A) на камтар аз 5 нафар;
$B) камтар аз 5 нафар;
$C) на камтар аз 50 нафар;
$D) на камтар аз 30 нафар;
$E) зиёда аз 5 нафар;

**@220. Оид ба ноболиғони аз 14 то 18 сола кадом ҷавоб мувофиқ аст:**
$A) Ноболиғони аз 14 то 18-сола қисман дорои қобилияти амали гражданӣ мебошанд. Қобилият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми аҳдҳоро онҳо бо розигии падару модар ва парасторони худ анҷом

дода, дар ҳолатҳои муайяни аз ҷониби ноболиғон расонидани зарар масъулият ба зиммаи падару модар ва парасторон гузошта мешавад;
$B) Ноболиғони аз 14 то 18-сола дорои қобилияти пурраи амали гражданӣ мебошанд. Қобилият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми аҳдҳоро онҳо бо розигии падару модар ва парасторони худ анҷом дода, дар ҳолатҳои муайяни аз ҷониби ноболиғон расонидани зарар масъулият ба зиммаи падару модар ва парасторон гузошта мешавад;
$C) Ноболиғони аз 14 то 18-сола қисман дорои қобилияти амали гражданӣ мебошанд. Қобилият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми аҳдҳоро онҳо бе розигии падару модар ва парасторони худ анҷом дода, дар ҳолатҳои муайяни аз ҷониби ноболиғон расонидани зарар масъулият ба зиммаи падару модар ва парасторон гузошта намешавад;
$D) Ноболиғони аз 12 то 18-сола қисман дорои қобилияти амали гражданӣ мебошанд. Қобилият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми аҳдҳоро онҳо бо розигии падару модар ва парасторони худ анҷом дода, дар ҳолатҳои муайяни аз ҷониби ноболиғон расонидани зарар масъулият ба зиммаи падару модар ва парасторон гузошта мешавад;
$E) Ноболиғони аз 14 то 18-сола қисман дорои қобилияти амали гражданӣ мебошанд. Қобилият дар он зоҳир мегардад, ки як қисми аҳдҳоро аз номи онҳо падару модар ва парасторон анҷом дода, дар ҳолатҳои муайяни аз ҷониби ноболиғон расонидани зарар масъулият ба зиммаи падару модар ва парасторон гузошта мешавад;

**@221. Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, аз ҷониби кӣ ҷуброн карда мешавад:**
$A) Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, тибқи асосҳои умумӣ мустақилона ҷуброн карда мешавад;
$B) Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, аз ҷониби падару модар ҷуброн карда мешавад;
$C) Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, аз ҷониби падару модар, васиён ва парасторон ҷуброн карда мешавад;
$D) Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, тибқи асосҳои умумӣ аз ҷониби давлат ҷуброн карда мешавад;
$E) Зараре, ки аз ҷониби ноболиғ расонида шудааст, тибқи асосҳои умумӣ мустақилона ҷуброн карда намешавад;

**@222. Самара, маҳсулот ва даромаде, ки дар натиҷаи истифодаи молумулк ба даст омадааст, ба кӣ тааллуқ дорад?**
$A) Ба шахсе, ки молумулкро дар асоси қонунӣ соҳибӣ ва истифода менамояд;
$B) Ба соҳибкор;
$C) Ба давлат;
$D) Ба шахси ҳуқуқӣ;
$E) Ба соҳибмулк;

**@223.Иҷораи молиявӣ (лизинг) чист?**
$A) Маҷмӯи муносибатҳои ҳуқуқие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, яъне хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд;
$B) Маҷмӯи муносибатҳое, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, яъне хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд;
$C) Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, яъне хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд;
$D) Маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқие, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷора, яъне хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд;
$E) Муносибатҳои дохила;

**@224.Иҷораи молиявӣ (лизинг) чанд хел аст?**
$A) Се навъи асосии лизингро ҷудо менамоянд: лизинги молиявӣ, лизинги бонкӣ ва лизинги баргарданда;
$B) Се навъи асосии лизингро ҷудо менамоянд: лизинги молиявӣ, лизинги оҷилӣ ва лизинги истеҳсолӣ;
$C) Се навъи асосии лизингро ҷудо менамоянд: лизинги молиявӣ, лизинги оҷилӣ ва лизинги истеъмолӣ;
$D) Се навъи асосии лизингро ҷудо менамоянд: лизинги иҷоравӣ, лизинги оҷилӣ ва лизинги баргарданда;
$E) Панҷ навъ;

**@225.Мафҳуми шаклҳои ҳимояи ҳуқуқро муаррифӣ кунед.**
$A) Шаклҳои ҳимоя гуфта, маҷмӯи чорабиниҳои дохилии мувофиқакардашудаи ташкилиеро меноманд, ки барои ҳимояи

ҳуқуқҳои субъективӣ ва муҳофизати манфиатҳои қонунӣ равона карда шудаанд;
$B) Ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва муҳофизати манфиатҳои қонунӣ равона карда шудаанд;
$C) Шаклҳои ҳимоя гуфта, маҷмӯи чорабиниҳоеро меноманд, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва муҳофизати манфиатҳои қонунӣ равона карда шудаанд;
$D) Шаклҳои ҳимоя гуфта, маҷмӯи чорабиниҳои дохилии мувофиқакардашудаи ташкилиеро меноманд, ки барои ҳимояи ва муҳофизати манфиатҳои қонунӣ равона карда шудаанд;
$E) Маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ;

**@226.Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқро номбар кунед.**
$A) Шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкоронро ба ду намуди асосӣ: судӣ ва ғайрисудӣ ҷудо мекунанд;
$B) Шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкоронро ҷудо мекунанд;
$C) Шаклҳои ҳимояи ғайрисудии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкоронро ҷудо мекунанд;
$D) Шаклҳои ҳимояи манфиатҳои қонунии соҳибкоронро ба ду намуди асосӣ: судӣ ва нотариалӣ ҷудо мекунанд;
$E) Судӣ, дохилӣ, берунӣ;

**@227.Ҳуқуқи гражданӣ гуфта, кадом соҳаи ҳуқуқро меноманд?**
$A) Ин соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро танзим менамояд;
$B) Ин соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқи муаллиф, мерос, ном ва шаъну шарафи - шаҳрвандонро ба танзим медарорад;
$C) Ин соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои шаҳрвандиро ба танзим медарорад;
$D) Ин соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои шаҳрвандиро ба танзим медарорад;
$E) Ин соҳаи ҳуқуқ аст, ки муносибатҳои дохиларо мефаҳмонад;

**@228. Низоми пулии мамлакатро кӣ муайян мекунад?**
$A) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$B) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$D) Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$E) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**@229.Тарафҳои уҳдадориҳоро чӣ меноманд?**
$A) Қарздор ва кредитор;
$B) Шаҳрванд ва ташкилот;
$C) Давлат ва корхона;
$D) Шаҳрванд ва кредитор;
$E) Шаҳрванд ва давлат;

**@230.Аҳдҳо дар кадом шакл баста мешаванд?**
$A) Даҳонӣ, хаттӣ;
$B) Шартнома, ӯҳдадорӣ;
$C) Уҳдадории хаттӣ;
$D) Уҳдадории даҳонӣ;
$E) Дохилӣ ва беруна;

**@231.Қобилияти пурраи амалкунӣ мувофиқи қонунгузории гражданӣ кай ба вуҷуд меояд?**
$A) Аз 18 солагӣ, ҳангоми бастани ақди никоҳ аз 17 солагӣ;
$B) Баъди ба кор ё ба таҳсил дохилшавӣ;
$C) Аз 14 солагӣ;
$D) Аз 16 солагӣ;
$E) Аз 22 солагӣ;

**@232.Намудҳои рухсатиро номбар намоед.**
$A) Рухсатии асосӣ, иловагӣ;
$B) Рухсатии меҳнатӣ, иҷтимоӣ, бе нигоҳ доштани музди меҳнат;
$C) Рухсатӣ барои нигоҳубини тифлони хурдсол, иҷтимоӣ, иловагӣ;
$D) Рухсатии таълимӣ, барои ҳомилагӣ ва таваллуд, ҳарсола;
$E) Рухсатии иловагӣ;

**@233.Рухсатии меҳнатӣ ба кормандони асосӣ баъди гузаштани чанд муддат кори бефосила дода мешавад?**
$A) 11 моҳ;
$B) Бо хоҳиши корманд аз рӯи аризааш;
$C) Пас аз як сол;
$D) 9 моҳ;
$E) 1 моҳ;

**@234.Навъҳои моликияти шахсии зану шавҳарро номбар кунед?**
$A) Молу мулки то никоҳ вуҷуддошта, бо роҳи туҳфа ва мерос ба даст даровардашуда;
$B) Молу мулки то никоҳ вуҷуддошта;
$C) Молу мулки бо роҳи қонунӣ ба даст даровардашуда;
$D) Молу мулки бо рохи тӯҳфа ва мерос ба даст дароварданашуда;
$E) Молу мулки давлатӣ;

**@235.Кадом мақомот шахсро аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум менамояд?**
$A) Мақомоти суд;
$B) Мақомоти САҳШ;
$C) Мақомоти суд ва САҳШ;
$D) Мақомоти минтақавии милиса;
$E) Суд ва ВКД;

**@236.Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро чӣ ташкил медиҳад?**
$A) Шаклҳои гуногуни моликият;
$B) Моликияти ҷамъиятӣ;
$C) Моликияти давлатӣ;
$D) Моликияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
$E) Моликияти шахсӣ;

**@237.Синни никоҳӣ барои зан аз чанд солагӣ аст?**
$A) 18 солагӣ;
$B) 15 солагӣ;
$C) 19 солагӣ;
$D) 17 солагӣ;
$E) 14 солагӣ;

**@238.Муҳлати даъво байни шахсони ҳуқуқӣ.**
$A) 3 сол;
$B) 2 сол;
$C) 4 сол;
$D) 5 сол;
$E) 9 сол;

**@239.Мазмуни ҳуқуқи моликиятиро кадом ваколатҳо ташкил медиҳанд?**
$A) Ҳуқуқи соҳибӣ кардан, истифода бурдан, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан;
$B) Соҳиби кардан, харидан, фурӯхтан, ҳимояи ҳуқуқи моликият;
$C) Соҳиби кардан (доштан), фурӯхтан, истифодабарӣ;
$D) Ҳуқуқи истифода бурдан, ихтиёрдорӣ кардан, доштан;
$E) Харидан ва фурухтан;

**@240.Ҳуқуқҳои фардии зану шавҳарро номбар намоед?**
$A) Ҳуқуқ ба интихоби насаб, интихоби машғулият ва касб, ҳуқуқи талоқ;
$B) Ҳуқуқ ба интихоби насаб, рӯёнидани алимент, тақсими молу мулк;
$C) Ҳуқуқ ва интихоби насаб, интихоби машғулият ва касб, ҳуқуқи талоқ, рӯёнидани алимент;
$D) Ҳуқуқ ба тақсими молу мулк, интихоби машғулият ва касб, ҳуқуқи талоқ, рӯёнидани алимент;
$E) Тақсим ва ҷамъ кардан;

**@241.Муҳлати даъво дар байни шарвандон чанд сол ё моҳ аст ?**
$A) 3 сол;
$B) 5 сол;
$C) 2 сол;
$D) 1 сол;
$E) 4 сол;

**@242.Ҷавобгарии пурраи молумулкӣ аз синни чандсолагӣ оғоз меёбад?**
$A) аз 18 солагӣ;
$B) аз 20 солагӣ;
$C) аз 14 солагӣ;
$D) аз 16 солагӣ;
$E) аз 17 солагӣ;

**@243.Қобилияти амалкунӣ чист?**
$A) Қобилияти бо ҳаракатҳои худ ба даст даровардани ҳуқуқҳои граждан ва барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳои граждаиро меноманд;

$B) Қобилияти бо ҳаракатҳои худ ба даст даровардани ухдадорӣ ва вазифаҳои гражданиро меноманд;
$C) Қобилияти бо ҳаракатхои худ ба даст даровардани моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкиро меноманд;
$D) Қобилияти бо ҳаракатҳои худ ба даст даровардан уқуқ ва озодиҳои гражданиро меноманд;
$E) Қобилияти харидорӣ;

**@244.Меҳнат кардан ҳуқуқ, озодӣ, вазифа ё уҳдадории шаҳрванд мебошад?**
$A) Ҳуқуқ;
$B) Озодӣ;
$C) Вазифа ва ӯҳдадорӣ;
$D) Ӯҳдадорӣ ва ҳуқуқ;
$E) Вазифа ва озодӣ;

**@245.Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд кай барҳам мехӯрад?**
$A) Баъди марг;
